Замимаи 1
ба фармоиши раиси Кумитаи андози
назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз ______________соли 2021, №_____

# ЭЪЛОМИЯИ
# АНДОЗ АЗ АРЗИШИ ИЛОВАШУДА ҲАНГОМИ АНҶОМ ДОДАНИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ АЗ ҶОНИБИ ШАХСОНИ ХОРИҶӢ

## 1. Маълумот дар бораи шахси хориҷӣ

| | | |
|---|---|---|
| 1 | Номи пурраи шахси хориҷӣ: | |
| 2 | Рақами мушаххаси андозсупоранда: | |
| 3 | Рамзи мамлакат: | |
| 4 | Рақами шаҳодатномаи супорандаи ААИ: | |
| 5 | Суроғаи пурраи шахси хориҷӣ дар давлати бақайдгирӣ: | |
| 6 | Давраи андоз (семоҳа): | |
| 7 | Санаи пешниҳоди эъломия: | |
| 8 | Шахси хориҷӣ ☐ агенти андоз ☐: | |
| 9 | Суроғаи электронӣ ва телефон барои алоқа: | |

## 2. Маълумот оид ба амалиёти андозбандишаванда ва маблағи андози ба буҷет пардохтшаванда

| Рамзи сатр | | Нишондиҳандаҳо бо асъори дар сатри 1 нишондодашуда |
|---|---|---|
| 1 | Рамзи асъор | |
| 2 | Арзиши умумии хизматрасониҳо | |
| 3 | Меъёри андоз (%) | |
| 4 | Маблағи умумии ААИ-и барои давраи андоз ҳисобшуда (сатри 2 * сатри 3/100) | |
| 5 | Тасҳеҳи маблағи ААИ барои давраҳои гузаштаи андоз | |
| 6 | Маблағи умумии ААИ барои пардохт ба буҷет (сатри 4 + сатри 5) | |

## 3. Маълумот оид ба намудҳои хизматрасониҳои электронии анҷомдодашуда

| Рамзи сатр | | Ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда бо асъори дар сатри 1 қисми 2 нишондодашуда |
|---|---|---|
| 1 | Додани ҳуқуқи истифодабарии таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор (аз ҷумла бозиҳои компютерӣ), махзани маълумот тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла додани дастрасии фосилавӣ ба онҳо, инчунин таҷдиди онҳо ва имкониятҳои иловагии функсионалӣ. | |
| 2 | Амалӣ намудани хизматрасониҳои рекламавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, аз ҷумла аз ҳисоби истифодаи таъминоти барномавӣ барои мошинҳои электронии ҳисоббарор ё махзанҳои маълумоти дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ истифодашаванда, инчунин пешниҳоди майдонҳои рекламавӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ. | |

| | | |
|---|---|---|
| 3 | Анҷоми хизматрасониҳо оид ба ҷойгиркунии пешниҳодҳо дар бораи хариди (фурӯши) молҳо (корҳо, хизматрасониҳо) ва ҳуқуқҳои молумулкӣ дар шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ. | ☐☐☐☐☐ |
| 4 | Анҷом додани хизматрасонӣ тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ вобаста ба пешниҳодҳои техникӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва имкониятҳои дигар, ки бо истифода аз система ва технологияҳои иттилоотӣ барои ташкил намудани алоқа ва бастани шартномаҳо (аҳдҳо) байни фурӯшандагон ва харидорон (тавассути майдонҳои савдои дар шабакаи интернет дар вақти воқеӣ амалкунанда, ки дар он ба харидорони воқеӣ арзиши молҳо (иҷрои кор, хизматрасониҳо) тавассути расмиёти худкор пешниҳод гардида, тарафҳо ҷиҳати ба савдо баровардани онҳо тариқи ташкили огоҳонии худкор хабардор мешаванд). | ☐☐☐☐☐ |
| 5 | Таъмин ва (ё) нигоҳдории фаъолияти иқтисодӣ, инчунин дастгирии захираҳои электронии истифодабарандагон, аз ҷумла сомонаҳо ва (ё) саҳифаҳои сомонаҳо дар шабакаи интернет, таъмини дастрасии истифодабарандагони дигар ба шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ. | ☐☐☐☐☐ |
| 6 | Бурдҳои интерактивӣ барои қиморбозӣ дар идораҳои букмекерӣ. | ☐☐☐☐☐ |
| 7 | Таъмини дастрасӣ ба шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳамчунин ба истифодабарандагон фароҳам овардани имконияти тағйир додани онҳо. | ☐☐☐☐☐ |
| 8 | Ҳифз ва коркарди иттилоот ба шарте, ки шахси чунин иттилоотро пешниҳоднамуда имконияти дастрасӣ ба онро тавассути шабакаи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дошта бошад. | ☐☐☐☐☐ |
| 9 | Дар низоми вақти воқеӣ пешниҳод намудани иқтидорҳои ҳисобкунӣ барои дар системаи иттилоотӣ ҷойгир намудани иттилоот. | ☐☐☐☐☐ |
| 10 | Пешниҳоди номгузории доменҳо, хизматрасониҳои хостингӣ. | ☐☐☐☐☐ |
| 11 | Пешниҳоди хизматрасониҳо оид ба маъмурикунонии низоми иттилоотӣ, сомонаҳо дар шабакаи интернет. | ☐☐☐☐☐ |
| 12 | Пешниҳоди хизматрасоние, ки ҳангоми аз ҷониби харидори хизматрасонӣ ворид намудани маълумот ба воситаи шабакаи интернет тариқи худкор анҷом дода мешавад, хизматрасониҳои автоматикунонидашуда оид ба ҷустуҷӯи маълумот, интихоби маълумот аз рӯи дархостҳо, ба воситаи шабакаҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба истифодабарандагон пешниҳод намудани маълумоти мазкур (аз ҷумла маълумотномаи биржаи коғазҳои қиматнок дар реҷаи вақти воқеӣ, интиқоли худкор дар реҷаи вақти воқеӣ). | ☐☐☐☐☐ |
| 13 | Додани ҳуқуқ барои истифодаи китобҳои электронӣ (нашрияҳо) ва нашрияҳои дигари электронӣ, маводи иттилоотию таълимӣ, тасвирҳои графикӣ, асарҳои мусиқӣ бо матн ё бе матн, асарҳои аудиовизуалӣ, аз ҷумла бо роҳи пешниҳоди дастрасии фосилавӣ ба онҳо ҷиҳати тамошо кардан ё шунидан тариқи шабакаи интернет. | ☐☐☐☐☐ |
| 14 | Пешниҳоди хизматрасонӣ ба фармоишгар доир ба дарёфт ва (ё) пешниҳоди маълумот оид ба харидорони эҳтимолӣ. | ☐☐☐☐☐ |
| 15 | Пешниҳоди дастрасӣ ба низоми ҷустуҷӯӣ дар шабакаи интернет. | ☐☐☐☐☐ |
| 16 | Пешбурди омор дар сомонаҳои шабакаи интернет. | ☐☐☐☐☐ |
| 17 | Дигар хизматрасониҳои электронӣ (ба истисноӣ хизматрасониҳои электроние, ки дар қисми 3 моддаи $193^5$ Кодекси андоз пешбинӣ шудааст). | ☐☐☐☐☐ |

## 4. Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида

Мо (ман) барои пуррагӣ ва дурустии маълумоти дар хамин Эъломия дарҷгардида тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошем (ам)

| | |
|---|---|
| Насаб, ном ва номи падари шахси масъул (намояндаи шахси хориҷӣ) | ☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐☐ |

Тартиби
пур кардани эъломияи андоз аз арзиши иловашудаи шахсони хориҷӣ ҳангоми анҷом додани хизматрасонии электронӣ

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Эъломияи андоз аз арзиши иловашуда оид ба хизматрасонии электронӣ (минбаъд - эъломия) тибқи моддаи $193^4$ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби шахсони хориҷӣ, ки хизматрасонии электрониро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом медиҳанд (минбаъд-шахсони хориҷӣ), пешниҳод карда мешавад.

2. Эъломия аз ҷониби шахсони хориҷӣ, ки тибқи моддаи $193^2$ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб гирифта мешаванд, дар шакли электронӣ тавассути утоқи шахсӣ ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад.

3. Эъломия дар худ қисми 1 «Маълумот дар бораи шахси хориҷӣ», қисми 2 «Маълумот оид ба амалиёти андозбандишаванда ва маблағи андози ба буҷет пардохтшаванда», қисми 3 «Маълумот оид ба намуди хизматрасониҳои электронии анҷомдодашуда» ва қисми 4 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида»-ро дар бар мегирад.

4. Арзиши нишондиҳандаҳои эъломия бо яке аз асъоре нишон дода мешавад, ки дар банди 1 қисми 2 эъломия бо воҳидҳои асъор нишон дода шудааст.

5. Дар сурати ошкор шудани маълумоти носаҳеҳ, инчунин норасоӣ ва ё хатогиҳо, ки ба кам нишон додани маблағи андози ба буҷет супоридашаванда ва ё барзиёд пардохтшаванда дар эъломияи барои давраҳои андози қаблии шахси хориҷӣ, ки ба Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, оварда расонидааст, шахси хориҷӣ дар эъломияи давраи ҳисоботии андоз тағйироти заруриро дар банди 5 қисми 2 эъломияи барои давраи ҷории андоз пешниҳодшаванда инъикос менамояд.

## 2. Тартиби пур кардани қисми 1 эъломия

6. Эъломия аз ҷониби шахсони хориҷие, ки дар моддаи $193^1$ Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд, пур карда мешавад.

7. Ҳангоми пур намудани бандҳои 1, 2, 4 ва 5 номи пурра, суроғаи шахси хориҷӣ, рақами мушаххаси шахси хориҷӣ, ки дар кишвари бақайдгиранда тибқи ариза оид ба баҳисобгирии шахси хориҷӣ дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин рақами шаҳодатномаи супорандаи ААИ-и шахсони хориҷӣ нишон дода мешавад.

8. Ҳангоми пур кардани банди 3 «Рамзи мамлакат» рамзи рақамии мамлакати маҳалли ҷойгиршавии доимии шахсони хориҷӣ мутобиқи стандарти ISO 3166-и Ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартикунонӣ нишон дода мешавад.

9. Дар банди 6 «Давраи андоз» мутобиқи қисми 3 моддаи $193^3$ Кодекси андоз давраи андоз- «семоҳаи 1», «семоҳаи 2», «семоҳаи 3» ва «семоҳаи 4» нишон дода мешавад.

10. Ҳангоми пур кардани банди 7 «Санаи пешниҳоди эъломия» санаи таҳия ва пешниҳоди эъломия бо рақам (рӯз, моҳ, сол) нишон дода мешавад.

11. Мутобиқи бандҳои 8 ва 9 «Шахси хориҷӣ ё агенти андоз», номи шахсе, ки эъломияро пур кардааст, бо зикри суроғаи электронӣ ва рақами телефон нишон дода мешавад.

**3. Тартиби пур кардани қисми 2 эъломия**

12. Қисми 2 эъломия дар худ рамзи асъор, арзиши умумии хизматрасонӣ, меъёри ААИ, маблағи умумии андози мазкури барои давраи андоз ҳисобшуда, тасҳеҳи маблағи ААИ барои давраҳои гузаштаи андоз ва маблағи умумии ААИ-и ба буҷет пардохтшавандаро дар бар мегирад.

13. Тибқи банди 1 «Рамзи асъор», рамзи асъор мутобиқи стандарти ISO 4217-и Ташкилоти байналмилалӣ оид ба стандартикунонӣ, ки дар он арзиши нишондиҳандаҳои хизматрасонӣ ва андоз дарҷ гардидаанд ва дар он бояд ААИ-и ба буҷети Ҷумҳурии Тоҷикистон пардохтшаванда инъикос гардад. Арзиши нишондиҳандаҳои хизматрасонӣ ва андоз, ки дар эъломия қайд гардиааст, танҳо бо яке аз асъори интихобшуда: евро (EUR), доллари америкоӣ (USA) ё сомонӣ (TJS) инъикос мегардад.

14. Дар банди 2 «Арзиши умумии хизматрасонӣ» арзиши умумии хизматрасониҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷомдодашуда бо асъоре нишон дода мешавад, ки дар банди 1 эъломия қайд гардидааст.

15. Мутобиқи банди 3 «Меъёри андоз %» меъёри ААИ ба андозаи 18% нишон дода мешавад, ки нисбат ба нишондиҳандаҳои дар банди 2 қайдгардида татбиқ карда мешавад.

16. Мутобиқи банди 4 «Маблағи умумии андоз аз арзиши иловашудаи барои давраи андоз ҳисобшуда» маблағи умумии андози (банди 2 * банди 3/100) барои дар давраи ҷории андоз пардохтшаванда ҳисобшуда, ки бо асъори дар банди 1 эъломия қайдшуда ҳамчун ҳосили зарби нишондиҳандаҳои бандҳои 2 ва 3 қайд карда мешавад.

17. Мутобиқи банди 5 «Тасҳеҳи маблағи андоз аз арзиши иловашуда барои давраҳои гузаштаи андоз» аломати дахлдори «+/-» тасҳеҳи маблағҳои ААИ, агар дар давраи гузаштаи андоз ба хатогиҳо ва носаҳеҳӣ роҳ дода шуда бошад дар ҳисоби маблағҳои андозе, ки бояд ба буҷет пардохт карда шавад, ҳолати камшавии маблағи ААИ ва пардохти он, ё ин, ки пешпардохти он ба буҷет нишон дода мешавад.

18. Мутобиқи банди 6 «Маблағи умумии андоз аз арзиши иловашуда барои пардохт ба буҷет» маблағи нишондиҳандаҳои бандҳои 4 ва 5 (банди 4 + банди 5) инъикос мегарданд.

19. Қисми 3 эъломия намудҳои хизматрасониҳои электронии шахсони хориҷиро дар бар мегирад. Дар ин қисм намудҳои хизматрасониҳои электронӣ ва ҳаҷми амалиёти андозбандишаванда бо асъоре, ки дар банди 1 қисми 2 инъикос ёфтааст, қайд карда мешавад.

20. Дар қисми 4 «Тасдиқи дурустӣ ва пуррагии маълумоти дар эъломияи мазкур зикргардида» насаб, ном, номи падари шахси масъул (намояндаи шахси хориҷӣ) қайд карда мешавад.